## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.– Филология (6D 02.05.02.– Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқ ва омӯзиши ономастикаи Осиёи Миёна таваҷҷуҳи олимону донишмандони ватанию хориҷиро солиёни зиёдест, ки ба худ ҷалб намудааст. Ҳарчанд ки маълумоти аввалин доир ба омӯзиши номшиносӣ ба охирҳои асри Х1Х ва аввали асри ХХ мансуб бошад ҳам, вале то имрӯз яке аз бахшҳои нисбатан камтаҳқиқшудаи забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзиши ҳамаҷониба ва мушаххаси хусусиёти номвожаҳо аз нигоҳи забоншиносӣ солҳои охири асри гузашта диққати донишмандону муҳаққиқонро ҷалб намудааст ва хушбахтона, имрӯзҳо бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ин масъала боз ҳам мубрамтару актуалӣ гардидааст.

Дуруст аст, ки пиромуни таърихи ономастикаи забонҳои эронӣ бо назардошти паҳлуҳои гуногуни забоншиносӣ дар кишвар ва берун аз он як идда рисолаву асарҳои донишмандони номшинос аз қабили академик К.Л.Залеман, Г. Моргенстьерне, В.И Абаев, И.И. Зарубин, Д.И.Эдельман, А.В. Суперанская, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфельд ва ғ. ба нашр расидаанд, ки барои мутахассисини соҳаҳои мухталифи ҷомеа муфид ва дастрас мебошанд. Дар баробари ин солҳои охир як гурӯҳ муҳаққиқони тоҷик Р.Х. Додихудоев, А.Л Хромов, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, Н.Офаридаев, С. Назарзода, Ҳайдаров Ш., Шоев Р., Маҳмадҷонов О., Шодиев М., Атобуллоева ва диг. низ корҳои таҳқиқотии худро ба анҷом расонидаанд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни номшиносии забони тоҷикӣ бахшида шудаанд

Бо вуҷуди ин дар забоншиносии тоҷик бобати омӯзишу баррасии хусусиятҳои этнолингвистию статистики номвожаҳо «саҳифаҳои холӣ» хеле зиёд аст ва диссертатсияи **Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш"** ба яке аз масъалаҳои мавриди ниёзи номшиносии тоҷик бахшида шудааст, ки аз ин бобат ҷолиби диққат ва қобили дастгирӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯъ**. Аз таърихи илми ономастика маълум мегардад, ки аз давраи қадим то ба имрӯз номҳои ашхос аз лиҳози мухталиф мавриди таваҷҷуҳи аҳли илм қарор гирифтаанд. Агар мутафаккирони даврони қадиму асрҳои миёна ба ин ё он муносибат ба номҳои ашхос таваҷҷуҳ ва мулоҳизаронӣ карда бошанд, дар ҳоли ҳозир номшиносӣ, аз ҷумла антропонимия, ба яке аз соҳаҳои мустақили илми забоншиносӣ табдил

ёфтааст, ки дорои низоми таҳқиқ ва усулу методҳои илмии таҳлилу пажӯҳиш мебошад.

**Наварии илмӣ**. Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик дар бораи номҳои ашхос чи дар асоси маводи асарҳои ҷудогонаи классикӣ ва чи дар заминаи номҳои ашхоси маҳалҳои алоҳида таҳқиқотҳо анҷом ёфта бошандҳам, роҷеъ ба номҳои сокинони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ сурат гирифтаанд, бори нахуст таҳқиқот анҷом дода мешавад. Гузашта аз ин, баррасии маводи ҷамъоварда аз нигоҳи гендерӣ (ҷинсият) навгонии илмии мавзӯъро тақвиятмебахшад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаи илмии таҳқиқоти анторопонимҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар муҳити дузабонӣ: тоҷикӣ ва қирғизӣ ташаккул ёфта, барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла луғатшиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат менамояд. Ҳамчунин натиҷаҳои назариявии таҳқиқотро метавон дар баррасии минбаъдаи антропонимияи тоҷик истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои корро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии шевашиносӣ, луғатшиносӣ, таърихи забон ва ҳангоми тартиб додани луғатҳои он омастикӣ истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия метавонад дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қорор гирад.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

**Дар муқаддима** роҷеъ ба мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад.

**Боби якум** "Ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ"ном дошта, аз се фасли асосӣ ва зерфаслҳо иборат аст, ки онҳоро метавон дар шакли зер овард: Фасли якум "Мулоҳизаҳои муқаддимавӣ" ном дошта, роҷеъ ба антропонимҳо маълумоти умумӣ медиҳад, аз ҷумла қайд карда мешавад, ки онҳо қисми таркибии бойигарии луғавии забон ба шумор мераванд ва дар тӯли таърихи тараққиёти забон (лаҳҷа) ташаккул ёфтаанд.

**Боби дуюми диссертатсия** "Хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия"номгузорӣ шуда, чунин масъалаҳоро фаро мегирад: 1.Муносибати таърихии тоҷикону қирғизон ва инъикоси он дар антропонимҳо. 2. Гендер ва муносибати антропонимҳо ба он. 3. Таҳлили гендерӣ. Садсолаҳост, ки дар ноҳияи Лахш ду миллати бо ҳам дӯсту бародар-тоҷикону қирғизҳо ҳам зист мебошанд, аз ин лиҳоз шумораи асосии аҳолии ноҳия аз тоҷикони маҳаллӣ ва қирғизҳо иборат аст.

**Боби сеюми диссертатсия** "Хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхос" ном дошта, дар гузашта раванди аз ҳам ҷудошавии лаҳҷаҳо ва ба забонҳои мустақил табдил ёфтани онҳо, чун маҳсули даврaҳои гузашта ва марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ноҳамвор ва номутаносиб тараққӣ кардани онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари дастовардҳои диссертатсия, ки бешубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи ономастика забони тоҷикӣ саҳми арзандае хоҳанд гузошт, ба андешаи мо, дар он баъзе нуқсону камбудиҳое низ роҳ ёфтаанд, аз ҷумла:

1. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат тарҷумаи матнҳо ва номвожаҳо таҳтуллафзӣ сурат гирифтааст, ки ин ба мазмуни матни асл мувофиқат намекунанд (саҳ. 19, 21, 22 ва ғ.)
2. Дар саҳифаҳои авторерферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои дорои хусусиёти техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 4, 5, 10, 16, 24, 35, 66 ва ғ.)

Дар маҷмӯъ метавон зикр намуд, ки автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холназаров Руҳулло Муҳамадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.– Филология (6D 02.05.02.–Забони тоҷикӣ) мебошад.

Профессори кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода О. Маҳмадҷонов

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7
Тел: 232-50-00, 232-50-03
Моб: (992) 918860046
E-mail: ilm@ddzt.tj

Имзои профессор Олимҷон Маҳмадҷоновро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода Ш. Наҷмиддинов